ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим дар мавзӯи «Таъсири шароитҳои гуногуни иқлимӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биокимиёвӣ ва маҳсулнокии навъҳои офтобпараст (*Heliantus annuus* L.)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 1.5.12. физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзадии Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим ба яке аз масъалаҳои мубрам ва афзалиятноки физиология ва биохимияи растаниҳо – омӯзиши таъсири омилҳои иқлимӣ ба равандҳои физиологию биохимиявӣ, маҳсулнокӣ ва сифати тухмии навъҳои офтобпараст – бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот пеш аз ҳама бо тағйирёбии иқлим, афзоиши номутаносибии ҳарорат ва намнокӣ, инчунин зарурати истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва интихоби навъҳои ба шароити гуногуни муҳити зист мутобиқ алоқаманд мебошад.

Офтобпараст (Helianthus annuus L.) яке аз муҳимтарин зироатҳои равғандеҳи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, тухми он дорои аҳамияти калони ғизоӣ, технологӣ ва иқтисодӣ мебошад. Маҳсулнокӣ ва сифати тухмии офтобпараст дар баробари хусусиятҳои ирсию навъӣ ба омилҳои муҳити зист, бахусус режими ҳарорат, таъминоти намӣ ва шароити агроиқлимӣ, вобастагии назаррас доранд. Аз ин лиҳоз, муайян намудани хусусиятҳои физиологию биохимиявии навъҳои офтобпараст ба таъсири омилҳои муҳит барои арзёбии қобилияти мутобиқшавии онҳо ва интихоби генотипҳои ба шароити мушаххаси агроиқлимӣ мувофиқ аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар рисола таъсири омилҳои иқлимӣ ба як қатор нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ, ташаккули маҳсулнокии биологӣ ва сифати тухмии навъҳои серравғани офтобпараст дар шароити Тоҷикистони ҷанубӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф вобастагии тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ ва ҳосилнокиро аз шароити муҳити зист муайян намуда, хусусиятҳои навъҳои таҳқиқшуда ба омилҳои абиотикиро арзёбӣ кардааст. Натиҷаҳои бадастомада барои васеъ намудани тасаввуроти илмӣ оид ба механизмҳои мутобиқшавии офтобпараст ба шароити тағйирёбандаи муҳит ва муайян намудани имкониятҳои истифодаи самараноки навъҳои алоҳида дар минтақаҳои гуногуни агроиқлимӣ аҳамияти назариявӣ доранд.

Ҷиҳати мусбати таҳқиқот истифодаи маҷмуи усулҳои муосир ва мувофиқи таҳқиқот, аз ҷумла усулҳои саҳроӣ, лабораторӣ, физиологӣ, биохимиявӣ ва омории коркарди натиҷаҳо мебошад. Гузаронидани таҷрибаҳо дар такрорҳои зарурӣ ва коркарди омории маълумоти бадастомада барои баланд бардоштани дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои илмӣ мусоидат намудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф ба натиҷаҳои воқеии таҷрибавӣ асос ёфта, бо мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот мутобиқати мантиқӣ доранд.

Навгонии илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар муайян намудани хусусиятҳои тағйирёбии нишондиҳандаҳои физиологию биохимиявӣ, маҳсулнокӣ ва сифати тухмии навъҳои офтобпараст вобаста ба шароити агроиқлимӣ ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки дараҷаи мутобиқшавии навъҳои таҳқиқшуда ба таъсири омилҳои абиотикӣ арзёбӣ гардида, муносибати байни шароити муҳити зист ва ташаккули нишондиҳандаҳои муҳими физиологию

хоҷагидории офтобпараст муайян карда шавад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар амиқтар намудани донишҳои илмӣ оид ба таъсири омилҳои муҳити зист ба равандҳои ҳаётан муҳими растанӣ, хусусиятҳои фаъолияти физиологию биохимиявӣ ва механизмҳои мутобиқшавии офтобпараст ба шароити тағйирёбандаи муҳит зоҳир мегардад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд ҳангоми интихоби навъҳои мутобиқ ба шароити агроиқлимии минтақаҳои гуногун, такмили технологияи парвариши офтобпараст, баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва беҳтар намудани сифати тухмии равғандеҳ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар корҳои селексионӣ, омӯзиши физиологияи зироатҳои кишоварзӣ ва раванди таълими фанҳои физиология ва биохимияи растаниҳо мавриди истифода қарор гиранд.

Автореферат мазмун ва моҳияти асосии диссертатсияро ба таври кофӣ инъикос намуда, дар он мубрамияти мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот ба таври мантиқӣ ва пайдарпай баён гардидаанд. Мазмуни автореферат ба самти ихтисоси интихобгардида мувофиқат намуда, аз анҷомёфтани марҳилаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим кори мустақилона анҷомдодашудаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, ба масъалаи мубрами физиология ва биохимияи растаниҳо бахшида шудааст. Таҳқиқот бо мубрамияти мавзуъ, асоснокии илмӣ, истифодаи усулҳои мувофиқи таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳо, навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии онҳо фарқ мекунад.

Бо дарназардошти сатҳи илмии таҳқиқот, аҳамияти натиҷаҳои бадастомада ва мувофиқати онҳо ба мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, метавон хулоса намуд, ки автореферати Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим ба талаботи муқаррагардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдукаримзода Қобилҷон Абдукарим барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 1.5.12 – физиология ва биохимияи растаниҳо сазовор мебошад.

Доктори илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии
растаниҳои кишоварзӣ, узви вобастаи АМИТ,
мудири лабораторияи генетикаю селексияи
растаниҳо Институти биологии Помир К. Абдуламонов

Имзои К. Абдуламонов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
Корҳои махсуси Институти
биологии Помир Л. Наврузқулова

«16» 10 соли 2026

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 736000, ВМКБ, ш. Хоруғ, к. Холдоров 1.
Тел: 93 567 54 16 E-mail: ahmad79.79@mail.ru